Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-012 назди Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**
**ба диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ табқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

## 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани мақоми истиқлолияти давлатӣ ба татбиқи амалии ислоҳоти иқтисодӣ дар заминаи низоми муносибатҳои бозорӣ, ки дорои афзалиятҳои хос ва раванди бебозгашт мебошад, пайгирона, бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи Ҳукумати кишвар шурӯъ намуд.

Ҳадафи асосии ислоҳоти иқтисодӣ таъмини рушди босуръати иқтисодию иҷтимоӣ дар сатҳи кишвар, фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини рушди босуботи фаъолияти соҳибкорӣ, аз он ҷумла инкишофи бемайлони соҳибкории инфиродӣ ба ҳисоб меравад.

Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2016 –ум ба Маҷлиси Олии кишвар таъкид намуданд: «Рушди бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодӣ маҳсуб мешавад»[1]

Соҳибкории инфиродӣ аз ҷумлаи намудҳои афзалиятнок ва низомсоз ба ҳисоб меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки соҳибкории инфиродӣ дар бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ мақоми калидӣ дошта ва шакли асосии ташкили фаъолият ба ҳисоб меравад. Чи тавре, ки муаллиф зимни таъкиди мубрамияти мавзуъ қайд намудааст, ки ташаккули соҳибкории муосир ва рушди он дар фазои иқтисодии ҷумҳурӣ муҳимтарин омили пешрафти иқтисодӣ ва ба даст овардани сатҳи муносиби зиндагии аҳолӣ мебошад. Дар баробари ин бояд таъкид намуд, ки рушди соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир аз ҷумлаи омилҳои калидии таъмини шуғл, коҳиши сатҳи камбизоатӣ, таъсиси сарчашмаҳои нави даромади аҳолӣ, коҳишдиҳандаи шиддатҳои иҷтимоӣ, таъмини саривақтӣ ва босифати талаботи аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин таҳқиқи ҳамаҷонибаи назария ва коркарди тавсияҳо оид ба ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок ва вазифаи авалиндраҷаи илми иқтисодии ватанӣ ба ҳисоб меравад.

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олӣ ва намояндагон. Душанбе, 2016

Ба андешаи мо, соҳибкории инфиродӣ як шакли фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки дар он шахси воқеӣ мустақилона фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад ва барои ин амал шахсан масъул аст.

Омӯзиш ва таҳқиқи роҳҳои ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар ҷаҳони муосир бо якчанд сабаб мубрам ва муҳим мебошад:

**1. Рушди иқтисодӣ:** соҳибкории инфиродӣ ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад, зеро соҳибкорон ҷойҳои нави корӣ таъсис медиҳанд, ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт сармоягузорӣ мекунанд ва рушди истеҳсолу тиҷоратро ҳавасманд мекунанд.

**2. Навоварӣ:** соҳибкорони инфиродӣ дар рушд ва татбиқи технологияҳо ва идеяҳои нав нақши муҳим доранд. Онҳо аксар вақт манбаи инноватсия буда, маҳсулот ва хизматҳои нав эҷод мекунанд, ки метавонанд талаботи бозорро қонеъ гардонанд.

**3. Чандирӣ ва ҳаракат:** Тиҷорати ба соҳибкории инфиродӣ асосёфта одатан нисбат ба ширкатҳои калон чандиртар мебошанд. Ин ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки ба шароити тағйирёбандаи бозор тез мутобиқ шаванд ва ба талаботи муштариён зуд посух диҳанд.

**4. Рушди шахсият ва худшиносӣ:** соҳибкории инфиродӣ барои рушди шахсият ва худшиносӣ имконият фароҳам меорад. Соҳибкор метавонад истеъдод ва идеяҳои худро тавассути эҷод ва пешбурди тиҷорати худ баён намояд.

**5. Баланд бардоштани рақобат:** соҳибкорони инфиродӣ аксар вақт фаъолияткунандагони асосии бозор мебошанд, ки ба рақобати бештар мусоидат мекунанд. Рақобат - навоварӣ, беҳтар шудани сифати молу хизматҳо ва коҳиши нархҳоро ба манфиати истеъмолкунандагон ҳавасманд мекунад.

**6. Рушди иқтисоди рақамӣ:** бо пайдоиши интернет ва рушди технологияҳои рақамӣ, имкониятҳои зиёде барои соҳибкорони инфиродӣ кушода шуданд. Онҳо метавонанд онлайн маҳсулот ва хизматҳоро эҷод ва таблиғу пешниҳод намоянд, ки дастрасӣ ба бозорҳо ва мизоҷони навро осон мегардонад.

**7. Мутобиқшавӣ ба тағйирот:** тавре ки таҷриба нишон медиҳад, соҳибкорони инфиродӣ ба тағйирот дар муҳити иқтисодӣ ва талаботи ҷомеа беҳтар мутобиқ мешаванд. Онҳо метавонанд ба тағйирёбии талабот зуд вокуниш нишон диҳанд, технологияҳои навро ҷорӣ кунанд ва ба шароити нави бозор мутобиқ шаванд.

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни рушди соҳибкории инфиродӣ дар ҷомеаи муосир муҳим ва мубрам мебошад, зеро он ба рушди иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди навоварӣ ва худшиносии шахс мусоидат мекунад.

Дар баробари гуфтаҳои дар боло овардашуда ҳаминро қайд менамоям, ки рушди соҳибкории инфиродӣ ба дарки махсусиятҳои соҳавӣ ва институтсионалии он вобаствгии амиқ дошта, кори диссертатсоинии мазкур

имконият фароҳам овардааст, ки низоми муносибатҳои ба он алоқаманд ба таври возеҳ ва асоснок баррасӣ карда шаванд.

Дар робита ба ин, интихоби мавзуъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин объекту предмети диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович, ки меҳвари асосии онро омӯзиши масъалаҳои назариявию амалии ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад, дар шароити имрӯза мубрам ва саривақтӣ мебошад.

## 2. Мутобиқати диссертатсия ва ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мувофиқ мебошад: 1. Инкишофи назария ва методологияи соҳибкорӣ; 6. Ташаккул ва инкишофи шаклҳои гуногун соҳибкорӣ: ташкилию ҳуқуқӣ; аз рӯи миқёс фаъолияти соҳибкорӣ; 8. Танзими давлатӣ ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 15.Ташаккул ва рушди муҳити мусоиди соҳибкорӣ; 16.Ҳавасмандгардонии намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ; 24. Соҳибкории инфиродӣ ва таъмини рушди он.

## 3. Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯъҳои илмӣ

Ҳамчунин боиси қайд аст, ки мақсаду вазифа, объекту предмет ва натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда бо муқаррароти барномаҳои давлатии рушди соҳибкорӣ, аз он ҷумла ҳадафҳои “Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” мутобиқ мебошад. Ҳамчунин мавзуи таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз рӯйи мавзуи “Таҳияи самтҳои асосии стратегияи рушди савдои дохилӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе барои солҳои 2021-2030 (РБ 0121TJ1206), ки дар Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот”-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, вобастагӣ дорад.

## 4. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Навгонии илмии диссертатсия аз гузориш ва асосноккунии ҳалли масъалаҳои назариявӣ, усулҳо ва роҳҳои асосии такмили фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, инчунин коркарду пешниҳоди тавсияҳо доир ба рушди соҳибкории инфиродӣ дар мамлакат иборат мебошад.

Таҳлили диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки натиҷаҳое, ки дар он ба даст оварда шудаанд, дорои унсурҳои навгонии илмии зерин мебошанд:

- нуқтаи назари мухталифи муаллифони ватанию хориҷӣ дар асоси асосҳои назариявӣ ва методии таҳқиқи ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, моҳияти соҳибкории инфиродӣ бо назардошти талаботи шароити муосир муайян карда шуда, таърифи муаллиф доир ба "соҳибкории инфиродӣ" пешниҳод гардида, гурӯҳбандии чунин фаъолият пешниҳод карда шудааст;

- бо назардошти афзалиятҳои сиёсати давлатӣ ва доштани аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ, хусусиятҳо ва асосҳои институтсионалии рушди соҳибкории инфиродӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ" пешниҳод карда шудааст, ки он метавонад муносибатҳои ҳуқуқиро дар ин самт танзим намояд;

- тамоюли рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати ҳозира аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ ва шаклҳои фаъолият таҳлил карда шуда, модели баҳои самаранокии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва пешниҳод карда шудааст, ки он афзоиши теъдоди соҳибкорони инфиродӣ, зиёд гаштани саҳми соҳибкорони инфиродӣ дар ММД ва даромади буҷети давлатиро пешбинӣ менамояд;

- дар самти фаъолияти соҳибкории инфиродӣ таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи дунё, ки дар истифодаи шаклҳои инноватсионӣ асос ёфта, муносибатҳои бақайдгирӣ, андозсупорӣ ва назорати он, гирифтани иҷозатномаҳо ба тариқи содашуда ва электронӣ ба роҳ монда шудаанд, мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шуда, барои истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои муфид пешниҳод карда шудаанд;

- дар таҳқиқоти илмӣ самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муайян карда шудааст; ташкили муҳити солими иқтисодӣ барои соҳибкорони инфиродӣ ва тақвият додани соҳибкории истеҳсолӣ, муаммалгардонии базаи меъёрию ҳуқуқии соҳибкории инфиродӣ, тақвияти дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ташкили фаъолияти дурусти маркетологӣ, таъминот ба қарзҳои имтиёзнок, такмили низоми андози соҳибкорони инфиродӣ, баланд бардоштани дараҷаи тахассусии соҳибкорони инфиродӣ, рушди соҳибкорони инфиродӣ аз рӯйи ҷойгиршавии минтақавӣ, ворид намудани инноватсия дар фаъолият ва истифода аз навигариҳои ҷаҳони муосир дар самти ба роҳ мондани шаклҳои инноватсионии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ.

- Дар рисолаи номзадӣ ҳамчунин аз назари илмӣ собит шудааст ва мо низ ин ақидаро ҷонибдорӣ мекунем, ки чараёни рақамикунонии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки имрӯз яке аз масъалаҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии мамлакат маҳсуб меёбад, мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шуда, муайян карда шуд, ки гузариш ба муносибатҳои мазкур манфиатҳои зиёдро дорост; аз ҷумла, чараёни бақайдгирии соҳибкорон ва супоридани ҳисоботи андозӣ ба тариқи электронӣ амалӣ карда шуда, монеаҳои

бюрократӣ аз байн мераванд, пешниҳоди мол, кор ва хизматрасонӣ ба тариқи электронӣ ба роҳ монда шуда, арзиши аслӣ кам гашта, амалиёт осон мегардад. Инчунин, муайян карда шуд, ки автоматикунонии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ва пурра гузаштан ба шаклҳои электронии фаъолияти мазкур, хавфҳои руйпуш намудани даромадҳо ва кам супоридани андозҳоро коҳиш медиҳад.

**4.1. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия:**

1. Дар асоси омӯзиши маъхазҳои мухталифи илмӣ нуқтаи назари муаллиф доир ба мафҳуми соҳибкории инфиродӣ чунин ифода ёфтааст: "Соҳибкории инфиродӣ ин амали мақсадноки шахсони воқеӣ маҳсуб шуда, онҳо таваккалкорона дар соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ баҳри ба даст овардани манфиати молиявӣ ва иҷрои мақсадҳои иҷтимоӣ фаъолият менамоянд";

2. Дар таҳқиқоти илмӣ ҳадафҳои асосии соҳибкории инфиродӣ ҳамчун; гирифтани манфиати молиявӣ, таъмини бозор бо молу маҳсулоти босифат, ташкили иҷрои кор ва хизматрасонӣ ба мизоҷон дар доираи амалиётҳои хурд, ки барои шахсони ҳуқуқии тибқи низоми умумии андозбандӣ фаъолият менамоянд, имконпазир нест, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ба ин васила саҳм гузоштан дар паст намудани дараҷаи бекорӣ, гузоштани саҳми босазо дар рушди ММД мамлакат ва ташкил ва истифодаи технологияҳои нав дар фаъолияти худ муайян карда шуданд;

3. Асосҳои институтсионалии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир таҳлил ва омӯхта шуда, барои такмили он дар самти бақайдгирии соҳибкорон, ташкили раванди андозбандӣ ва такмили танзими давлатии онҳо пешниҳодҳои илман асоснок манзур карда шуд;

4. Таҳлили ҳолати кунунии соҳибкории инфиродӣ дар асоси нишондиҳандаҳои микдорию сифатӣ гузаронида шуда, модели аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи самаранокии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст;

5. Таҷрибаи хориҷии ташкили фаъолияти соҳибкорӣ омӯхта шуда, як қатор бартарии он муайян карда шуда, истифодаи судмандии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.

6. Самтҳои стратегии такмили фаъолияти соҳибкории инфиродӣ муайян карда шуда, такмили низоми андозбандии соҳибкорони инфиродӣ, ки дар осон намудани мушкилие, ки аснои маъмурикунонии андоз ба вуҷуд омадааст, асос ёфта, бо ин роҳҳо боз ҳам тақвият додани имтиёзҳои андозӣ ба чунин соҳибкорон ногузир шуморида шуда, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ, аз қабили ба роҳ мондани муҳосибот, истифода аз барномаҳои замонавии электронӣ, пешниҳоди ҳисобот ба мақомоти давлатӣ тариқи электронӣ тавсия дода шудааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда, андешаҳои назариявӣ, хулосаю пешниҳодҳои мушаххаси дар диссертатсия овардашуда дар рушду густариши соҳибкории инфиродӣ

саҳмгузор хоҳад шуд. Ҳамчунин ҷанбаҳои назариявӣ ва таснифоти соҳибкории инфиродӣ, дақиқгардонии моҳияти иқтисодию иҷтимоии рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян ва асосноккунии заминаҳои институтсионалӣ ва инфрасохтории ташаккулёбӣ ва рушди соҳибкории инфиродӣ, пешниҳодҳои вобаста ба ташаккули стратегияи рушди соҳибкории инфиродӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, ҳаҷми кофии маводҳо, дараҷаи баланди асоснокӣ ва эътимоднокии кори диссертатсионии Сафаров Ҷовидон Азизмадовичро исбот менамояд.

## 5. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Бояд қайд кард, ки мақсади таҳқиқот аз омӯзиши назариявӣ ва коркарди механизми такмилдиҳии соҳибкории инфиродӣ (соҳибкории шахсони воқеӣ) бо дарназардошти мукаммал гардонидани самтҳои ташкилӣ - сохторӣ ва институтсионалӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ маҳсуб меёбад.

Барои ҳалли мақсади мазкур ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, муаллифи рисолаи илмӣ усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ, ба монанди усули системавию таркибӣ, сабабу натиҷа, абстраксияи илмӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, усули омӯзиши омилҳо, экспертию таҳлилӣ, иқтисодию риёзӣ, алоқамандии хусусиятҳои микдорию сифатӣ ва ғайра истифода шудаанд, ки асоснокӣ ва муътамад будани хулосаю натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудаанд.

## 6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Бояд қайд кард, ки ҷанбаҳои илмию назариявии таҳқиқот, моҳият ва мундариҷаи равандҳои иқтисодӣ, қонуниятҳои рушди соҳибкории инфиродӣ дар асоси корҳои таҳқиқотии мукаммал ва бунёдӣ вобаста ба илми назарияи иқтисодии ба назарияи муосири рушди соҳибкорӣ вобастабуда, таҳқиқотҳои монографию диссертатсионӣ, нашри илмии олимони дохилию хориҷии ба таҳқиқи масъалаҳои соҳибкории инфиродӣ машғулбуда, таъминоти сармоягузории соҳа ва ташкилу такмили инфрасохтори он ташкил намуда, инчунин маводҳо ва тавсияҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ, барнома ва стратегияҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда, қарорҳои Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи рушди соҳибкории инфиродӣ ва дар маҷмуъ, таъмини рушди иқтисодии мамлакат, ташкил медиҳанд.

Аҳамияти амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он аст, ки татбиқи ҷанбаҳои методӣ ва тавсияҳои коркардшуда имконият медиҳанд, ки маҷмуи чорабиниҳои самаранок вобаста ба дастгирии давлатии соҳибкории инфиродӣ дар сатҳҳои гуногуни минтақавӣ аз рӯйи самтҳои иқтисодӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ коркард шаванд.

Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълими фанҳои “Асосҳои соҳибкорӣ”, “Бизнес – накшагирӣ”, “Иктисодиёт ва

ташкили соҳибкории хурд”, “Андозбандии соҳибкории инфиродӣ” дар раванди таълимӣ Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба таври васеъ истифода шаванд.

### 7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмӣ

Тавре аз таҳлили маълумоти дар автореферати диссертатсия пешниҳодгардида бармеояд, муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашриёҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2 мақола дар алоҳидагӣ) ва 3 мақолаи илмӣ дар конференсияҳо нашр шудаанд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй мебошад. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинарҳо ва дигар чорабиниҳо илмӣ муҳокима шудаанд.

### 8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Бояд қайд кард, ки автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Диссертатсия ва автореферати он ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозӣ ва экспертизаи диссертатсия дар шӯрои диссертатсионӣ ва ба дигар талаботҳои Низомномаи «КОА»-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

### 9. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ, ҷанбаҳои мусбат ва норасогиҳо

Кори тақризшаванда аз муққадима, 3 боб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 199 номгӯй, дар ҳаҷми 174 саҳифаи матни компютерӣ, 19 ҷадвал, 18 расм ва 12 диаграмма иборат мебошад.

Дар **муққадимаи кор** масъалаҳои зерин ҳаллу фасл шудаанд: мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқии мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсад, вазифа, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзия, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, сарчашма ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва дараҷаи эътимоднокии ва мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳо ва интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.

Дар боби якум – **“Асосҳои назариявию методии таҳқиқи соҳибкории инфиродӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ”** фаъолияти соҳибкорӣ ва нақши он дар рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, асосҳои институтсионалии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, масоил ва омилҳои соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир баён гардидааст.

Дар зербанди 1.1 нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷи дуру наздик оид ба асосҳои назариявии фаъолияти соҳибкорӣ, соҳибкории инфиродӣ, инчунин, гурӯҳбандии равишҳои рушди соҳибкорӣ, омилҳои ба инобатгирандаи соҳибкорони истеҳсолӣ, намудҳои хавф дар фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, гурӯҳбандии соҳибкории инфиродӣ оварда шудаанд. Дар ин зерsuccessfully дуруст қайд шудааст, ки заминаи иқтисодию методологии соҳибкории инфиродии мамлакат дар даврони ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфта, имрӯз имконияти рушди он мавҷуд аст, ки чунин имкониятҳо дар мавриди таҳқиқоти амиқи илмии соҳа ба вуқуъ хоҳанд пайваст (саҳ. 20). Ҳамчунин таърифи муаллифии соҳибкории инфиродӣ пешниҳод карда шудааст, ки нигариши хоси муҳаққиқро ба мушкилоти баррасишаванда инъикос менамояд (саҳ. 31).

Дар ин қисмати таҳқиқот, муаллифи диссертатсия чунин зикр намудааст, ки рушди соҳибкорӣ ва соҳибкории инфиродӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ба афзун гардонидани бозори истеъмолӣ бо молҳо ва таҳким додани хизматҳо оварда расонида барои ташкили ҷойҳои нави корӣ боис мегардад. Рушди соҳибкорӣ дигаргунсозии сохтории иктисодиётро фаъол мегардонад, ба ҷорӣ намудани комёбиҳои илмӣ-техникӣ ҳавасманд сохта, ба ҳаматарафа баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот мусоидат мекунад (саҳ. 31).

Дар зербанди 1.2 «Асосҳои институтсионалии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ» моҳияти заминаҳои институтсионӣ дар рушду ташаккулёбии соҳибкории инфиродӣ муайян шуда, нақши яке аз институтҳои калидӣ - Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин арзёбӣ шудааст: “Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда тасдиқ шудааст”, ки асосҳои фаъолият ва андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродиро танзим менамояд (саҳ. 41).

Дар ин қисмати кор, муаллиф зикр намудааст, ки ташкили дурусти заминаи меъёрию хуқуқӣ дар соҳаи соҳибкории инфиродӣ имкон медиҳад, ки батанзимдарории инкишофи соҳибкории инфиродӣ такмил ёбад, масоили ҷойдоштаи соҳаи мазкур ҳал шуда, нишондиҳандаи ифодакунандаи тамоюли инкишофи соҳибкории инфиродӣ танзиму назорат карда шаванд (саҳ. 48).

Дар зербанди 1.3 масоил ва омилҳои соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир аз ҷониби муаллифи диссертатсия мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар саҳ. 55 диссертатсия омилҳои асосие, ки ба рушди соҳибкории инфиродӣ таъсир мерасонанд дар шакли расм аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидааст, ки дорои аҳамияти илмию назариявӣ мебошад. таҷрибаи байналмилалии ташкил ва рушди пардохтҳои ғайринақдӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ баррасӣ шудааст. Ҳамчунин, муаллифи диссертатсия мушкилиҳои асосиро барои ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ кам будани маблағҳои буҷети давлатӣ барои дастгирии фаъолияти баъзе аз соҳибкорони инфиродӣ, кам будани манбаи воқеии сармоя барои рушди соҳибкорӣ ва бо фоизҳои баланд пешниҳод гаштани қарзи бонкӣ арзёбӣ намудааст (саҳ. 64).

Боби дуюми диссертатсия – **“Вазъи муосир ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ба таҳлили ҳолат ва рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, таҳлили таъсири омилҳо ба рушди соҳибкории ва истифодаи таҷрибаи хориҷии соҳибкории инфиродӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби якуми боби мазкур тамоюлҳои рушди теъдоди субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ (саҳ. 66), ҳиссаи андозҳо аз соҳибкорони инфиродӣ дар иқтисоди миллӣ (саҳ. 71), пардохтҳои андозии соҳибкорони инфиродӣ вобаста ба намудҳои фаъолият (саҳ. 74), шумораи субъектҳои амалкунандаи соҳибкории хурду миёна дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 77) ва дигар маълумотҳои марбути оморӣ муайян карда шуда, таъкид шудааст, ки таъминоти инфрасохтори молиявӣ ва дастгирии давлатии соҳибкории инфиродӣ таҳким бахшида шавад.

Муаллиф вазъи муосир ва хусусиятҳои ташаккули соҳибкории инфиродиро вобаста ба намуди фаъолият, ки тибқи шаҳодатнома амал мекунанд бо истифода аз маълумотҳои оморӣ (саҳ. 75) таҳлил намуда, таъкид намудааст, ки соҳибкории инфиродӣ дар бахши хизматрасонӣ тамоюли мусбӣ дошта, он дар соли 2021 ба 21,4 % баробар мебошад. Ҳиссаи соҳибкорони инфиродие, ки дар соҳаи истеҳсолӣ фаъолият менамоянд нисбат ба миқдори умумӣ ба 12,2% баробар аст, ки ин такмили худро талаб менамояд.

Дар зербоби 2.2-и диссертатсия муаллиф, таъсири омилҳо ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ бо истифода аз усулҳои иқтисодию риёзӣ амалӣ карда шуда (84-94), тавсияҳои коркардшуда бо истифода аз ҳисобу китоби математикӣ барои давраи дарозмуддат то соли 2030 асоснок карда шудааст.

Таҷрибаи хориҷиро таҳлил намуда, муаллифи кори диссертатсионӣ хусусиятҳои фарққунандаи андозбандии соҳибкорони инфиродиро дар мамлакатҳои гуногун (саҳ. 100-101) гурӯҳбандӣ ва тавсиф намудааст. Ҳамзамон бо нишон додани омори соҳавӣ, нишондиҳандаҳои асосии соҳибкории хурд дар мамлакатҳои хориҷӣ (саҳ. 102) ва татбиқи самтҳои асосии дастгирии соҳибкории инфиродӣ дар кишвар равона карда шудааст.

Дар боби сеюми таҳқиқот **“Самтҳои рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** самтҳои афзалиятноки стратегии рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, такмили низоми андозбандии соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир, рақамикунонии ҷараёни фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва роҳҳои такмили он таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст.

Дар ин қисмати кори диссертатсионӣ самтҳои асосии такмилдиҳии соҳибкории инфиродӣ (саҳ. 111), тарҳи механизми рушди стратегии соҳибкории инфиродӣ (саҳ. 115-117), омилҳои ба такмили ихтисоси соҳибкорони инфиродӣ таъсиррасонанда (саҳ. 120), нишондиҳандаҳои асосии стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 123) ва асосҳои назариявию амалии такмилдиҳии низоми

андозбандии соҳибкории инфиродӣ таҳия ва баррасӣ карда шудааст. Ҳамчунин муаллиф омилҳои ба рақамикунонии иқтисодиёт таъсиррасон (саҳ. 141) ва афзалиятҳои иқтисоди рақамӣ барои рушди соҳибкории инфиродӣ муайян ва ошкор карда шуда, таъминоти инфрасохторӣ ва институтсионии рушди соҳибкории инфиродиро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт асоснок намудааст.

Дар қисми хулоса натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудаанд.

## 10. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, асосноккунӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуктаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Ба андешаи мо, дар диссертатсия зимни таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методӣ на ҳама ҷанбаҳои зарурӣ ва муҳими масъалаи таҳқиқот дар сатҳи зарурӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд (масалан, мушкилоти вобаста ба таъминоти қарзии рушди соҳибкории инфиродӣ ва масоили баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар шакли умумӣ баррасӣ шудаанд).
2. Дар саҳифаи 30 диссертатсия (расми 3) гурӯҳбандии соҳибкории инфиродӣ оварда шудааст. Вале норасогӣ ё бартарии шаклҳои соҳибкории инфиродӣ аз рӯйи фаъолият ё аз рӯйи миқёси гардиши мол, кор ва хизматрасонӣ бо мақсади андозбандӣ таҳлил нашудааст. Бояд пас аз ҳар ҷадвал ва расм таҳлил ва хулосабардорӣ бошад.
3. Дар саҳифаи 64 диссертатсия муаллиф қайд намудааст, ки дар асоси гузаронидани пурсишнома маълум гашт, ки барҳамдиҳии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ низ аксар вақт натиҷаи рақобати носолими иқтисодӣ, нотавонии баъзе субъектҳо ба тағйирёбии бозор ва робитаҳои муассир бо истеъмолкунандагони маҳсулот ва хидматҳо мебошад. Ба назари мо мувофиқи мақсад мебуд, агар муаллиф нишондиҳандаҳо (индикаторҳо) – и пурсишнома ва истифодабарандагони онро пурратар дар қисмати таҳлили кор арзёбӣ менамуд, ҳам сифати кори илмӣ баландтар мегардид ва паҳлуҳои басталаби ин ақида аз байн мерафт.
4. Бояд қайд кард, ки дар ҷадвалҳои таҳлилии дар диссертатсяи овардашуда ба сифати давраи заминавӣ (базавӣ) солҳои маълумоти солҳои гуногун (масалан, ҷадвали 2.1., саҳ. 66, (2018-2022), ҷадвали 2.2., саҳ. 68, (2017-2022), ҷадвалҳои 2.4, 2,5 саҳ. 71 - 74, (2018-2021), ҷадвали 2.8., саҳ. 80 (2015-2022), ҷадвали 2.14., саҳ. 102, (танҳо соли 2020)  ва ғайра) истифода шудаанд, ки ба арзёбии воқеии натиҷаҳо таъсири манфӣ мерасонад.
5. Рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои он дар як соҳаи мушахасси воқеии иқтисодиёт (саноат, савдо, хоҷагии қишлок, сайёҳӣ ва ғ.) амалӣ мегардид, боз сатҳи илмии кори диссертатсиониро баланд мегардонд.

6. Дар диссертатсия зимни барасии масъалаи зербоби 3.1 натиҷаҳои бадастовардаи муаллифи диссертатсия оид ба рақамикунонии ҷараёни фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва роҳҳои такмили он дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ асоснок нагардидааст.

7. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ низ дида мешаванд.

Эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

## 11. Хулосаи ҷамъбастӣ

Дар умум, диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович таҳқиқоти ҷиддии илмӣ-амалӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ, тавсияҳо ва пешниҳодҳои методӣ ва амалӣ дошта, мустақилияти унвонҷуйро дар масъалаҳои таҳқиқи ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳо, равандҳо ва заминаҳои ҳалли мушкилотҳои соҳибкории инфиродиро дар кишвар муаррифӣ намудааст. Автореферат ва мақолаҳои илмии нашршуда мазмуни асосии диссертатсияро дар худ инъикос намудаанд.

Аз нигоҳи мазмуни илмӣ, мундариҷа ва шакли баён диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии тахассуси буда, дар ҳалли муамои илмӣ, ки аҳамияти муҳими афзалиятнокро дар ташаккулу рушди соҳибкории инфиродӣ доро аст, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ табқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва оморӣ
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Валиев Н.Ш.

734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Борбад, 48/5.
Тел.: + 992 234-88-02
e-mail: dsx_ips@mail.ru

*Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент Валиев Н.Ш.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

07.02.2024